# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ – Душанбе, 2024. – 195 саҳ.**

Дар партави роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯз то рӯз ба илм рӯй овардани ҷавонон ва ба масъалаҳои муҳимми илмӣ рӯ овардани онҳо боиси дастгирист.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар дарозои беш аз ҳазор сол аз тарафи ходимони миллати тоҷик корҳои зиёди лексикографие ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо барои нигаҳдошти забони тоҷикӣ ва нишон додани қудрати ин забон дар давраҳои гуногуни таърих мусоидат намудаанд. Дар асоси луғатномаҳои давраҳои гуногун аз як тараф фонди асосии луғавию таркиби луғавии забон муайян шуда, тавоноии забон дар замони таълифи онҳо муайян гардад, аз тарафи дигар бо туфайли онҳо имкон фароҳам меояд, ки қабатҳои луғавию семантикии забон, баромади забонии воҳидҳои луғавӣ ва роҳу воситаҳои сохташавии морфемаҳои луғавӣ ошкор гардад. Ин аст, ки таҳқиқи лингвистии якояки онҳо зарур аст.

Яке аз асарҳои мондагори миллати тоҷик «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» мебошад, ки ба қалами устод Садриддин Айнӣ» тааллуқ дорад. Ин яке аз аввалин луғатномаҳоест, ки дар давраи нави тараққиёти забонамон рӯйи кор омадааст ва дар тули мавҷудияташ аз он ҳазорон нафар шоирону нависандагон, олимон, муаллимон, аспирантону унвонҷӯён ва ашхоси иштиёқманд истифода кардаанд. Дар ин луғатнома беш аз ёздаҳуним ҳазор калима гирд омадааст, ки онҳо дар ҳаёти маънавии миллатамон нақши калон доранд. Бо як нигоҳ ба ин асар маълум мегардад, ки он аз қабатҳои гуногуни луғавие таркиб ёфтааст, ки марбут ба забонҳои гуногун ва забони зиндаи халқамон мебошанд. Ин хусусиятҳо ниёз ба баррасии илмӣ доранд, ки онро унвонҷӯ Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна ба ухда гирифта, дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» диссертатсия пешниҳод кардааст, ки ба самти забоншиносӣ, махсусан,

ба бахши забони тоҷикӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Таҳқиқи қабатҳои гуногуни луғавии забонамон ва дар ин замина нишон додани калимаю истилоҳоти соҳаҳои гуногун дар марҳилаи кунунӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад. Рӯйи кор овардани калимаҳои соҳавии дар луғатномаҳо нуҳуфта барои пурра кардани сафи истилоҳот мусоидат мекунанд. Ин гуна лексемаҳо дар ҳайати диалектизмҳое, ки дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С.Айнӣ гирд омадаанд ва, аксаран, умумихалқӣ шудаанд, фаровон аст. Ҳамчунин, дар ин самт калимаҳои иқтибосии аз забонҳои гуногуни дунё ба забони тоҷикӣ воридгардида метавонанд мусоидат карда, ҳангоми калимасозии забони тоҷикӣ истифода шаванд. Аз ин нуқтаи назар ба асари мондагори устод С.Айнӣ бингарем, хоҳем дид, ки дар ин самт маводи фаровони илмӣ медиҳад.

Бо вуҷуди корҳои зиёди илмӣ дар самти айнишиносӣ ба масъалаҳои забоншиносии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» кори диссертатсионӣ нашуда, масоили мазкур дар самти баррасии калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, иқтибосӣ ва калимасозӣ таҳқиқи илмӣ нашуда буданд ва, инак, барои ҳалли ин масоил Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна камари ҳиммат баста, диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» пешниҳод кардааст, ки нақши муҳимме дар ҳалли хусусиёти вожагонию калимасозии забон ба шумор меравад ва ин ҷиҳатҳо мубрамии кори дисертатсиониро таъмин менаомяд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки ҳайати вожагонии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и С. Айнӣ бори аввал таҳқиқи забоншиносӣ шуда, масъалаҳои марбут ба калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, таркиби вожагонии луғатнома аз ҷиҳати баромади забонии унсурҳои луғавӣ ва роҳҳои калимасозӣ ба таври мукаммал мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст, ки дар пешафти соҳа нақши муҳимми илмӣ дорад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҷолиб буда, диссертант дар назди худ перомуни мавзуи илмӣ-тадқиқотӣ вазифагузориҳо намуда, барои дифоъ хусусиятҳо, мазмуну моҳияти

диалектизмҳо, калимаҳои иқтибосӣ ва сохтори воҳидҳои луғавии дар луғатнома ташреҳёфтаро мабҳас қарор додааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот дар асоси маводи воқеии яке аз асарҳои мондагори устод С.Айнӣ «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик" сурат гирифта, зимни баррасии хусусиятҳои лингвистии он аз осори назарии муҳаққиқони забардасти соҳаи вожашиносӣ ва калимасозӣ истифода шудааст. Дар кори диссертатсионӣ дақиқияти маълумот, интихоби дурусти роҳу равиши кор, мутобиқати меъёри истифодаи мавод, коркарди омории он, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва теъдоди интишорот гувоҳи эътимоднокии кори диссертатсионӣ мебошанд. Хулосаи диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар 9 банд гирд омада, дар онҳо муҳимтарин ва асоситарин бардоштҳои рисоланавис дида мешаванд ва ба назари мо мазмуну муҳтавои корро пурра инъикос менамоянд. Дар бахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои кори диссерататсионӣ унвонҷӯ дар 5 банд пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати кориои натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод кардааст, ки дар воқеъ дурнамои мавзуи таҳқиқотӣ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти илмӣ-назарии мавзуи диссертатсияи номзадии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар он зоҳир мешавад, ки дар баррасиҳои забоншиносӣ масоили назарии марбут ба вожагонӣ, дараҷа, меъёр ва моҳияти диалектизмҳо, калимаҳои иқтибосии аз забонҳои гуногуни дунё воридшудаю инъикоси онҳо дар осори лексикографӣ ва муайян сохтани вижагиҳои қолибҳои калимасозии забони тоҷикӣ аз масоилест, ки дар баррасии онҳо ҳанӯз нуқтаи таммат гузошта нашудааст ва аз ин ҷиҳат кори диссертатсионӣ, ки дар заминаи маводи муътамади «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и С.Айнӣ рӯйи кор омадааст, аҳаммияти калони илмӣ-назарӣ дорад. Маводи назарии диссертатсия, натиҷаҳои илмии таҳқиқот, роҳу равиши кор, мақолаҳои нашршуда, дар таълифи масоили ҳамгун ва таълифоти мутахассисони забоншинос, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забони осори устод С.Айнӣ ва дар маҷмуъ забони тоҷикӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ метавонад ёрӣ расонад.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқ дар зоҳир мегардад, ки натиҷаи бадастомадаи онро метавон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, навиштани дастурҳои забоншиносӣ ва баргузории курс ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ аз фанни забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ истифода намуд. Дар ин асос, диссертатсияи унвонҷӯро метавон барои ҷомеаи муосир зарур арзёбӣ намуд.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна аз ихтисоршудаҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳрасти адабиёт, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар ҳаҷми 195 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шудааст. Мутобиқи масъалаҳои матраҳшаванда ҳар боб аз фаслҳои муносибу мувофиқ иборат мебошад, ки дар онҳо равиши муносиби илмӣ пайгирӣ шуда, бо ҷалби сарчашмаҳои илмӣ ва маводи назариявию амалии таҳқиқ мулоҳизаҳои муҳимми илмӣ сурат гирифта, натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар диссертатсия масъалаҳои зарурати интихоб, дараҷаи таҳқиқ, ҳадафу вазифаҳо, усули таҳқиқ, навгониҳо, аҳаммияти назариявию амалии мавзуъ равшан нишон дода мешаванд. Ба ин маънӣ, дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо тартиби муайян шарҳ ёфтаанд.

Кори диссертатсионӣ бо мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар самти таҳқиқи масоили вожагонӣ ва сохтори калимаҳо, махсусан, диалектизмҳо, иқтибосот ва қолибҳои калимасозии воҳидҳои луғавии дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и С.Айнӣ тафсирёфта аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ ном дошта, фарогири 6 фасл буда, дар фаслҳои он доир ба мафҳум, мазмуну моҳият ва хусусиятҳои калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, воҳидҳои луғавии марбут ба либос ва пояфзол, воҳидҳои луғавии марбут ба ҳайвонот ва

парандагон, растаниҳо, асбоби рӯзгор ва воҳидҳои луғавии марбут ба бемориҳо, бозиҳо, сохтмон, маҳсулот ва чизҳои гуногун, узвҳо, калимаҳои хешовандӣ, номи анвои хӯрок ва махсулоти хӯрок, ҳунарҳо, марбут ба шахс ва сифатҳои одамӣ, ранг, вожаҳо марбут макон ва замон, амалу ҳолат, номи амал ва ғайра мавриди таҳлилу баррасии илмӣ сурат гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Калимаҳои иқтибосӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» унвон дошта, фарогири 4 фасл мебошад. Дар фаслу зерфаслҳои ин боб, аввалан, бо ҷалби андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масоили назарӣ ва омилҳои воридшавии иқтибосот ба забон ва моҳияту таъсири онҳо барасии амиқи илмӣ сурат гирифта, баъдан перомуни калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ, оромӣ, юнонӣ, чинӣ ва калимаҳои марбут ба забонҳои хеши бохтарӣ, портӣ, суғдӣ, модӣ дар «Луғатнома»-и С. Айнӣ таҳқиқи илмӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми баррасии андешаҳои олимон усули пайиҳам овардани андешаҳои муҳаққиқон ва, зимнан, баёни андешаи унвонҷу дар тарҳи масоил дида мешавад, ки моҳияти илмии корро афзудааст. Таҳқиқи калимаҳои иқтибосӣ бо нишон додани омилҳои воридшавию мазмуну моҳияти онҳо анҷом гирифтааст, ки диди нави илмӣ дар баррасии луғатномаи устод С. Айнӣ мебошад.

Боби сеюми диссертатсия «Сохтори калимаҳои тафсиршуда дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» ном дошта, фарогири се фасл аст. Дар фаслҳои ин боб саравввал ба масъалаи таҳқиқи андешаҳои олимони зиёде дар бахши калимасозӣ дасту панҷа гарм намуда, калимасозиро ҳамчун омили лингвистии ташаккули таркиби луғавӣ донистa, хизмати луғатномаҳоро дар пешрафти хусусиятҳои вожасозӣ муҳим арзёбӣ мекунад. Унвонҷӯ аз баррасии маводи тафсиршудаи луғатномаи устод Айнӣ ба ин натиҷа мерасад, ки дар он калимаҳо аз ҷиҳати сохт сода, сохта ва мураккаб дар қолибҳои гуногун пешниҳод шудаанд. Дар кори диссертатсионӣ ба нақши пасвандҳо дар сохтани калимаҳо ва қолибҳои калимаҳои мураккаби копулятивию детерминативӣ аҳамияти махсуси илмӣ дода, доир ба ҳар пасванди калимасоз ва қолибҳои калимасозии вожаҳои мураккаб таҳқиқи ҳамаҷониба анҷом додааст.

Дар диссертатсия мутобиқи маводи луғатномаи устод С.Айнӣ пасвандҳои **-ӣ, -а, -ак, -ча, -гар, -анда, -чӣ, -ина, -акӣ, -иш, -вар, -ор, -дон, -гор, -вор, -она, -сор, -гоҳ, -истон, -зор** мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, дараҷаи серистеъмолию камистеъмолӣ ва омори сохташавии калимаҳо бо онҳо нишон дода мешавад.

Аз таҳқиқи унвонҷу муайян мегардад, ки калимаҳои мураккаб дар луғатномаи устод С.Айнӣ ба гурӯҳҳои мураккаби пайваст ва тобеъ тақсим шуда, исмҳои мураккаби пайваст бо қолибҳои такрори асоси калимаҳо, миёнванди -у- ва миёнванди -о- ва калимаҳои мураккаби тобеъ ба ду гурӯҳ ҷудо шудааст. Дар гурӯҳи аввал ҷузъи якум ва дар гурӯҳи дуюм ҷузъи дуюм асосӣ мебошанд. Калимаҳои мураккаби гурӯҳи якум, асосан, дар қолиби факки изофат ва исмҳои мураккаби гурӯҳи дуюм бо қолибҳои исм+исм, исм+сифат, исм+феъл, сифат + дигар ҳиссаҳои нутқ, зарф + дигар ба вуҷуд омадаанд. Дараҷаи калимасозии ҳар як аз қолиб дар диссертатсия бо мисолҳо матраҳ шудааст.

Хулосаи диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар 9 банд натиҷагирии баҳсҳои илмӣ буда, дарки масъалаҳои илмӣ ва зеҳнияти касбии муҳаққиқро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ перомуни мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 5 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар конференсияи илмии байналмилалӣ ва 2 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона нигошта шуда, мазмуну моҳият ва мантиқи ягонаи дохилӣ дошта, масъалагузориҳо, сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, шеваи нигориш, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии диссертантро нишон медиҳанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовард ва муваффақиятҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои қобили таваҷҷуҳ

дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо дида мешавад, ки бо мақсади беҳбудии кор ва пешрафти корҳои таҳқиқии ояндаи муаллиф, зикри онҳоро зарур медонем:

1. Ба назари мо, дар унвони диссертатсия, ки «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» аст, агар калимаи лексикӣ ба вожагонӣ иваз мешуд, беҳтар буд.
2. Ҳамчунин, боби аввали диссертатсия, ки "Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ" номгузорӣ шудааст, ниёз ба таҳрир дорад. Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар илм, асосан, бо вожаи диалектизмҳо баён мегарданд, ки дар диссертатсия истифода шудааст. Ин аст, ки номи боб дар шакли "Диалектизмҳо дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ" номгузорӣ мешуд, муносибтар буд.
3. Дар диссертатсия ҷо-ҷо доир ба қабатҳои семантикӣ ишораҳо шавад ҳам, барои онҳо фасли алоҳидае дида намешавад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки оид ба калимаҳои муродифу мутазод ва ҳамгун фасли алоҳида ҷудо шуда, баррасӣ анҷом меёфт.
4. Ба андешаи мо ҳамчун фасли алоҳида нишон додани "Матолиби муқаддамотӣ"-и боби 2 ва 3 чандон зарур набуд.
5. Фасли 6 боби 1 "Дигар қабатҳои луғавии халқӣ-гуфтугӯйӣ" номгузорӣ шудааст, ки ба назари мо илмӣ нест.
6. Дар саҳифаҳои 35, 45, 59, 79, 106, 129, 154, 195-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва китобатӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Бо вуҷуди ин, эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши баланди илмии корро коста намекунанд ва ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба манфиати кор мебуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия бо равишу услуби илмӣ таҳия гардида, руйиҳамрафта пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ чоп намудааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Дар маҷмуъ, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта меҳисобам.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи забони тоҷикии
факултети филологияи рус, журналистика
ва медиатехнологияи Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон — Амлоев Аминҷон Ятимович

*"Имзои номзади илмҳои филологӣ
Амлоев Аминҷон Ятимовичро тасдиқ мекунам*
Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ — Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович

«16» феврали соли 2024

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони М.Турсунода 30
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
**Тел**: (+992) 917587778;
**E-mail**: amloev@mail.ru